# Муҳоҷирзанон ба муҳоҷирзанон маслиҳат медиҳанд

## Маслиҳатҳои муфид оид ба ҳаёт дар Россия

Нашри 2



Санкт-Петербург
2022

# Муҳоҷирзанон ба муҳоҷирзанон маслиҳат медиҳандr

## Маслиҳатҳои муфид оид ба ҳаёт дар Россия

Нашри 2

**Санкт-Петербург**
**2022**

## Муҳтарам бонувони хонанда!

Ҳарчи бештар занон аз кишварҳои гуногун ба Россия муҳоҷир мешаванд. Касе ҳамроҳи ҳамсар ва фарзандон, касе мустақилона, каси дигар бо нияти истодан ва шаҳрвандӣ гирифтан, каси дигар барои ба муҳлати дароз таҳсил ва кор кардан ба кишвари мо меоянд. Барои бисёр муҳоҷирзанон Россия кайҳост, ки хонаи дуюм гаштааст.

Ҳангоми ба Россия омадан занонро лозим меояд, ки бисёр корҳоро анҷом диҳанд – аз дуруст тайёр кардани ҳуҷҷатҳои муҳоҷират ва ҷустуҷӯи кори муносиб то сомон додани ҳаёт дар шароити нав. Гирифтани ёрии тиббӣ ва иҷтимоӣ, дастрасӣ ба таҳсилот барои худ ва фарзандон, иҷораи манзил, муносибат бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан муносибат бо аҳолии маҳаллӣ – ҳалли ин масъалаҳо аксар бо таҷриба муяссар мешавад, ки гарон меафтад. Барои он ки ба шумо дар бобати муҳоҷиршавӣ ва ёфтани ҷои кор ёрӣ расонем, мо дар ин китобча маслиҳатҳои занонро аз Озарбойҷон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва кишварҳои дигар гирдоварӣ кардем. Мо умед дорем, ки ин маслиҳатҳои пурқимати онон, ки ба муҳлати зиёд дар Россия зиндагӣ мекунанд ва таҷрибаи фаровони мутобиқати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ доранд, ба шумо дар ҳалли мушкилоти зиёд ёрӣ мерасонанд ва бароятон муфид хоҳанд буд.

Ба шумо комёбӣ, бахт ва фақат таҷрибаи мусбат таманно мекунем!

*Бо эҳтиром,*
*муаллифон ва мураттибон.*

# МУНДАРИҶА


Тайёрӣ пеш аз муҳоҷират........................................4

Ворид шудан ба Россия ..........................................9

Баҳисобгирии муҳоҷират .......................................13

Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо ........................................17

Ҷустуҷӯи манзил ...................................................20

Ҷустуҷӯ ва дохил шудан ба кор .............................24

Таҳсилоти бачаҳо ..................................................29

Ёрии тиббӣ............................................................35

Ҳомиладорӣ ва таваллуд дар Россия....................39

Муошират бо аҳолии маҳаллӣ ...............................44

Муошират бо политсия..........................................47

# Тайёрӣ пеш аз муҳоҷират

Агар шумо ба Россия бо фарзанд омаданӣ бошед, дукарата бештар тайёрӣ диданатан зарур аст. Агар шумо дар Россия шиноси наздик, ё хешованд надошта бошед ва махсусан, ин сафари якуминатон бошад, дар бораи бо худ бурдани фарзанд дурусттар фикр кунед, ин маслиҳати якум аст. Дар давраҳои аввали муҳоҷират ба як худи шумо ҳам хеле душвор мешавад, масъалаҳои бисёри худатонрор ҳал кардан зарур мешавад ва ба онҳо мушкилоти бача зам мешаванд ва ҳамаи мушкилоти шумо ба бача бетаъсир намемонанд. Бинобар ин ман маслиҳат медиҳам, ки танҳо вақте ки худ ҷои зисту кор ёфтед ва шуморо ба қайд мегиранду соҳиби патент ва полиси тиббӣ мешавед, баъд бачаҳоро оваред *(Ирода, Ӯзбекистон)*.

Ҳоҷати такрор кардан нест, аммо ҳарчи бештар агар забони русиро донед, коратон дар Россия осон мешавад. Аз тайёр кардани ҳуҷҷатҳо ва гузаштан аз суҳбати корфармо то ҷустани манзил ва муошират бо ҳамсояҳо. Нутқи хуби русӣ ва набудани аксент ба ман борҳо ёрӣ расонданд *(Ҷеннет, Туркманистон)*.

Ба ғайр аз тайёрии худатон бовар ҳосил кунед, ки бача ҳам тайёр бошад. Аз ҳама асосӣ

донистани забон аст. Ҳарчанд барои бачаҳо донистани забони нав назар ба калонсолон осонтар аст, хуб мешуд, ки ба забони русӣ ҳам кам-кам суҳбат кунад. Ҳар қадар бача забони русиро беҳтар донад, ба муҳити нав зудтар ворид мешавад, осонтар бо бачаҳои маҳаллӣ шинос мешавад ва муошират мекунад. Барномаи мактабӣ маъмулан аз барномаҳои мактабҳои кишвари мо фарқ дорад. Бачаро зарур мешавад, ки ба ҳамсолонаш мустақилона баробар шавад, албатта бо ёрии шумо ё муаллими кироя *(Гулбаҳор, Тоҷикистон)*.

Ба фикри ман дар марҳилаи аввали сафар як чил ҳазор рубл доштан даркор – то ҳама харочотро пардохт кунӣ. Вагарна ин ҷо аз шиносҳо ё муассисаҳо қарз гирифтан зарур мешавад *(Зилола, Ӯзбекистон)*.

Агар худи шумо ба муҳоҷират он қадар тайёр набошед, чӣ пеш омаданашро дарк накунед, забони русиро нағз надонед, қоидаҳои муҳоҷиратро нафаҳмед, ман маслиҳат медиҳам, ки бачаро бо худ нагиред. То ӯро ба ҳама мушкилоте, ки ба саратон меоянд, махсусан барои онҳое, ки бори якум ба Россия муҳоҷир мешаванд, шарик насозед *(Таҳмина, Тоҷикистон)*.

Буду боши шумо дар Россия мумкин тӯлонӣ шавад, тавре ки дар замони пандемия шуд. Бояд ба ҳама тасодуфоти ғайриинтизор тайёр буд. Инчунин ба хавфи муддате бе кор мондан. Бинобар ин дар хона мушкилоти ҳалношуда намонед. Дар муҳоҷират ҳал кардани мушкилот душвор, ҳатто номукмкин мешавад. Ва шиносномае дошта бошед, ки муҳлати амалаш дарозтар бошад *(Ситора, Ӯзбекистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Муҳоҷирати меҳнатӣ – қадами ҷиддӣ аст ва барои он ки аз ин иқдом пушаймон нашавед, ба он нағз тайёр шудан лозим аст. Ба занон аксар вақт уҳдадориҳои иловагӣ бор мешаванд – нигоҳубини кӯдакон, волидон, корҳои хона, ки ҳаёти бе ин ҳам мушкили онҳоро дар муҳоҷират душвортар мегардонанд.*

*Пеш аз ҳама барои муҳоҷират қарори саросема қабул накунед. Ба даъватҳои ногаҳонии шиносон зуд ҷавоб надиҳед. Ба даъватҳои ширину гуворо, ки пули зиёди бе ранҷи кам ваъда медиҳанд, зуд бовар накунед.*

*Аз миёнравҳо ва гумоштаҳо дур бошед, аз маълумоти расмӣ барои муҳоҷират ба ФР истифода бурда, мустақилона сафар кардан мумкин аст, аммо пурра бовар кардан ба миёнравҳо, ки ҳалли ҳама мушкилотро бе будани шумо ҳам ваъда медиҳанд, метавонад хатарнок бошад – эҳтимоли қурбонии савдои одамон шудан ё ба миёнравон додани ҳаққи хизматрасониҳои бепули давлатӣ мавҷуд аст.*

*Корҳои худро дар хона пешакӣ ба тартиб оваред – қарз ва мушкилоти ҳуқуқии ҳалношуда нагузоред.*

*То сафар кӯшиш кунед, ки корфармо ёбед ва бо ӯ дар бораи муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ гуфтушунид кунед – пешниҳодҳои расмии корфармоёнро дар ҳамаи минтақаҳои Россия аз сайти trudvsem.ru – пайдо кардан мумкин аст, ки ин хазинаи умумироссиягии Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Федератсияи Россия мебошад.*

*Ғайр аз ин дар минтақаҳои ФР барномаҳои дастгирии муҳоҷирати муташаккилона амал мекунанд. Бо тарафи қабулкунанда – шаҳрванди россиягӣ ё хориҷӣ, ки дар ФР зиндагӣ мекунад, ё корфармое, ки бинои истиқоматӣ пешниҳод мекунад, бевосита дар тамос шавед. Тарафи қабулкунанда бояд шуморо дар қайди муҳоҷират гузорад ва бо манзил таъмин кунад – шумо ва наздиконатонро зарур аст, ки пешакӣ ба назди кӣ рафтан ва дар куҷо зиндагӣ карданатонро донед.*

*Дониши забони русиятонро беҳтар кунед. Шумо бояд забони русиро дар сатҳе донед, ки барои муоширати мустақилона бо аҳолии маҳаллӣ, корфармо, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, политсия кофӣ бошад. Бе дониши забон дар Россия кор, манзили иҷора ёфтан, ташкили зиндагӣ ва муроҷиат барои ёрӣ душвор аст.*

*Тафтиш кунед, ки вуруди шумо ба Россия манъ набошад – барои ин аз хизматрасонии расмии МВД России:*

*http://сервисы.гувм.мвд.рф/infoservice.htm?sid=3000 истифода баред.*

*Агар шумо пештар аз хизмати миёнравон дар раванди барасмиятдарории кор истифода бурда бошед, мумкин ба шумо ҳуҷҷати қалбакӣ дода бошанд, ки ошкор шуданаш боиси манъи вуруди шумо ба Россия мешавад.*

*Кӯшиш кунед, ки ҳарчи бештар дар бораи кор дар Россия, қонунгузории муҳоҷират дар Россия, дар бораи тартиб ва расмиёте, ки бояд аз онҳо гузаред, маълумот пайдо кунед. Ин масъалаҳоро дар сайтҳои расмии давлатӣ омӯзед, нафақат аз маслиҳатҳои шиносҳоятон – онҳо ба шумо маълумоти нодуруст дода метавонанд.*

*Вақте ки ба кадом минтақа рафтанатонро аниқ кардед, дар бораи он бештар маълумот гиред. Иқлим, нақлиёт, нархи наво, ҷойҳои холии кор – ҳар қадар ки пештар маълумот гиред, ҳамон қадар дар маҳал ба мушкилот камтар дучор мешавед.*

*Робитаҳои ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро, ки ба шумо дар Россия ёрӣ дода метавонанд, донед – инҳо метавонанд мақомоти давлатии ФР, инчунин намояндагиҳои кишвари шумо: муассисаҳои консулӣ ё намояндагиҳои хадамоти муҳоҷират бошанд. Инчунин ташкилотҳои ҷамъиятиеро, ки ба муҳоҷирон дар минтақаҳои Россия ёрӣ мерасонанд, донистан хуб аст – онҳо ёрии ихтисосӣ ва бепули ҳуқуқӣ мерасонанд.*

*Қонунгузории муҳоҷирати Россияро омӯзед, махсусан ба бахши ҷавобгарӣ барои риоя накардани он аҳамият диҳед.*

***Робитаҳои муфид:***

гувм.мвд.рф – сайти расмӣ Главного управления по вопросам миграции МВД России

trudvsem.ru – сомонаи расмии умумироссиягии ҷойҳои холии кор «Работа в России»

сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=3000 –

Тафтиши манъи вуруд ба Россия аз тариқи ГУВМ МВД РФ

migrussia.ru – Сомонаи байниминтақавии иттилоотӣ «Миграция и мигранты»: маълумоти муфид, маслиҳатҳои амалӣ, робитаҳои ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ

# Ворид шудан ба Россия

Агар ба муҳоҷират фарзандатон ҳамроҳ бошад, ё танҳо равад, дар корти муҳоҷирати он бояд мақсад хусусӣ интихоб карда шавад. Барои бача ҳам шиносномаи хориҷӣ гирифтан лозим аст, бо шаҳодатномаи таваллудаш ҳам рафта метавонад, ба шарте ки дар шиносномаи хориҷии волидон номи ӯ ҳам сабт шуда бошад *(Мадина, Озарбойҷон)*.

Фарзанд метавонад мустақилона ба назди шумо ба Россия ояд, ба шарте ки ҳамаи ҳуҷҷатҳояш тахт бошанд ва барои ҳузураш дар ин ҷо асос бошад. Ҳатман ҳамаи қоидаҳоро аз назар гуза-

ронед ва аниқ кунед – барои сафари фарзандатон аз кишвари худ чӣ зарур аст. Агар ноболиғ бошад, маъмулан ба ғайр аз ҳамаи ҳуҷҷатҳои асосӣ розигии волидон, ки аз тариқи нотариалӣ тасдиқ шудааст, талаб карда мешавад. Пешакӣ дар ин бораҳо фикр кунед *(Лайло, Ӯзбекистон)*.

Тафтиш кунед, рафтанатон ба Россия манъ набошад. Дар ҷои кор як духтар нақл кард, ки вуруди шавҳараш ба Россия манъ будаасту ӯ инро намедонистааст *(Зарема, Қирғизистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Ҳанӯз дар кишвари худ тафтиш кунед, ки барои вурудатон ба Россия ягон монеъа набошад: инҳо метавонанд қарори суд, қарзҳо, ҷаримаҳои пардохтнашуда бошанд.*

*Агар ҳамроҳи фарзандон рафтанӣ бошед, пешакӣ аниқ кунед, ки боз ягон ҳуҷҷати иловагӣ лозим ҳаст ё не.*

*Тафтиш кунед, ки вурудатон ба Россия манъ набошад (ин маълумотро аз сайти е МВД http://сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=3000 гирифтан мумкин аст)*

*Барои ворид шудан ба Россия ин ҳуҷҷатҳоро гирифтан даркор аст:*

*-шиносномаи амалкунандаи хориҷӣ (хуб мешуд, ки муҳлати амалаш ба муҳлати будубоши ба нақша гирифтаатон дар Россия мувофиқ бошад).*

*Шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авросиё (ЕАЭС) – Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон метавонанд бо шиносномаҳои дохилии миллияшон ба Россия оянд;*

*-корти муҳоҷират бо дуруст нишон додани мақсади муҳоҷират (ҳангоми ворид шудан ба Россия пур карда мешавад);*

*-полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ;*

*-раводид (барои давлатҳои бо раводид).*

*Шуморо ба Россия роҳ намедиҳанд, агар:*

*-муҳлати ҳуҷҷатҳои талаб мешуда гузашта бошад ё мавҷуд набошанд;*

*-вурудатон манъ бошад;*

*-агар муҳлати ҷазои судиятон нагузашта бошад;*

*-тести COVID-19 мусбат бошад.*

*Агар шумо ҳомили бемориҳои дар Россия барои ҷамъият хатарнок ҳисобида шуда бошед (ВИЧ-сироят, сил, як қатор бемориҳои сироятӣ, ки ба воситаи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд, коронавируси COVID-19), шумо аз тафтиши тиббӣ барои гирифтани патент ва дигар иҷозатномаҳоро гирифта наметавонед. Пас будубоши шумо дар Россия ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.*

*Пеш аз он ки билет гиред, бо тартиби вуруд ба Россия дар замони маҳдудиятҳои вуруд вобаста ба коронавирус шинос шавед.*

*Агар бо мақсади кор сафар карданӣ бошед, дигар сабабҳои дурӯғин фикр накунед Ҳатман дар ин маврид мақсади сафарро дар корти муҳоҷират “кор”*

*нишон диҳед. Шумо наметавонед ба фаъолияти кории расмӣ машғул шавед, агар мақсади сафари шумо ҳамчун “хусусӣ” сабт шуда бошад.*

*Агар шумо ба назди шиносҳо рафтанӣ бошед ва медонед, ки кор намекунед, - мақсадро “хусусӣ” нависед. Агар барои таҳсил равед – “таҳсил” нависед.*

*Барои бачаҳои то 18-сола мақсади сафар “хусусӣ” навишта мешавад, “таҳсил” барои донишҷӯёни муассисаҳои миёнаи касбӣ ва ё таҳсилоти олӣ навишта мешавад.*

*Дар ёд доред: шаҳрвандони кишварҳои ИДМ (СНГ) метавонанд дар ФР бе гирифтани патенти кор на бештар аз 90 рӯз дар 6 моҳ истанд. Дар 6 моҳ шумо метавонед чандин бор ба Россия оед, аммо муддати умумии будубошатон аз 90 рӯз зиёд набошад.*

*Кишвари шумо уҳдадор аст, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандони худро, ки дар хориҷа ҳастанд, ҳимоя кунад – бинобар ин ба шумо маслиҳат медиҳем, ки худро дар сабти консули ҷои омадаатон дар ФР гузоред.*

***Робитаҳои муфид:***

https://russiamedtravel.ru/ - сайти расмии Минздрава РФ барои хориҷиёне, ки бо мақсади табобат меоянд.

https://studyinrussia.ru/ - сайт барои донишҷӯёни хориҷӣ дар Россия – маълумот дар бораи тартиби ворид шудан ба ФР бо мақсади таҳсил.

https://мвд.рф/mvd/structure1/Glavnie_upravlenija/guvm - Главное управление по вопросам миграции МВД России.

# Баҳисобгирии муҳоҷират

Бачаҳоро ҳам мисли калонсолони муҳоҷир ҳатман дар ҳамон суроғаи сабти номи шумо – волидон ба қайд гузоштан лозим аст. Ҳамаи муҳлати будубоши бачаҳо мисли муҳлати калонсолони муҳоҷир аст. Агар бача сабти ном (регистратсия) надошта бошад, ӯро ба мактаб қабул намекунанд *(Гулбаҳор, Тоҷикистон)*.

Регистратсия – хеле кори муҳим аст, ин масъаларо ҳарчи зудтар ҳал кунед. Ва муҳлатҳоро риоя кунед. Вагарна мушкил мешавад. Шумо худатон бояд аз пайи регистратсия бошед, муҳлати онро дароз кунед. Ҳатто 1-2 рӯз таъхир кардан мумкин нест *(Мадина, Озарбойҷон)*.

Дар муҳлати хеле кӯтоҳ шуморо лозим меояд, ки корҳои зиёдеро иҷро кунед – манзил ёбед, сабти ном (регистратсия) кунед, патент гиред, кор пайдо кунед. Инро ба назар бояд гирифт. Албатта доштани шиносҳои наздик хуб аст ва ё худ дар бораи ин корҳо маълумоти кофӣ дошта бошед. Агар дар мавриди ҳар яке аз ин корҳо – иҷораи манзил, кор ва ғайра нофаҳмиҳое дошта бошед, азоб мекашед. Ва пули зиёде ҳам сарф мекунед. Аммо муҳимтар аз ҳама, албатта, қадами аввал – реги-

стратсия аст, ки ҳама дар оянда аз он вобаста мешавад *(Севинч, Ӯзбекистон)*.

Як шиноси ман, шаҳрванди Россия дӯстписари худро аз СНГ дар хонаи бегонаҳо пул дода, регистратсия кард, намедонист, ки худи ӯ ҳам чун соҳибмулк метавонад дар хонаи худ ӯро регистратсия кунад. Чунин ҳам мешудааст! Ӯ аз ин масъала баъди чанд вақт аз ман огоҳ шуд. Чанде нагузашта ин ҷуфти ҷавонро ҳодисаи ногаҳоние ғамгин кард. Баъде ки ақди никоҳ бастанд ва шавҳари ӯ барои гирифтани РВП ҳуҷҷат супурд, маълум шуд, ки регистратсияи вай қалбакӣ будааст. Акнун онҳо маҷбур мешаванд, ки ҷаримаи калон супоранд. Хайрият, ки онҳо фарзанд доштаанд ва инчунин вобаста аз пандемияи короновирус баъзе сабукиҳо ҷорӣ гаштанд, вагарна ҳолашон бад мешуд. Донистани қонун имкон медиҳад, ки пулатонро сарфа ва миқдори мушкилотатонро камтар кунед *(Лайло, Ӯзбекистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Вақте шумо ва фарзандатон ба Россия омадед, дар навбати якум регистратсия кунед – дар манзиле сабти ном кунед, ки минбаъд он ҷо истиқомат мекунед. Ин ҳатман хонае бояд бошад, ки дар он воқеан умр ба сар мебаред.*

*Барои гурӯҳҳои гуногуни муҳоҷирон муҳлати сабти муҳоҷират ҳам гуногун аст. Барои шаҳрвандони Иттиҳодияи иқтисодии Авросиё - ЕАЭС (Қазоқистон, Арманистон, Қирғизистон, Беларус) - 30 рӯз. Барои шаҳрвандони Тоҷикистон – 15 рӯз. Барои ҳамаи кишварҳои дигар – 7 рӯз.*

*Муҳлат аз лаҳзаи гузаштан аз сарҳад сар мешавад.*

*Шуморо тарафи қабулкунанда, ки ба шумо манзил медиҳад, бояд сабти ном кунад. Тарафҳои қабулкунанда инҳо метавонанд бошанд:*

- *шаҳрванди ФР, ки дар минтақаи омадаи шумо доимӣ сабти ном шудааст;*
- *шаҳрванди хориҷӣ, ки дар минтақаи омадаи шумо доимӣ зиндагӣ мекунад ё ВНЖ дорад;*
- *шаҳрванди хориҷӣ – аз ҷумла, худи муҳоҷир. Агар молики биноӣ истиқоматӣ дар ҳудуди Россия бошад ва онро ба иҷора диҳад;*
- *шахси ҳуқуқӣ: ташкилоти кордеҳ, меҳмонхона.*
- *ташкилоти кордиҳанда, меҳмонхона, ҳостел.*

*Барои сабти номи муҳоҷират шумо бояд варақа-огоҳномаи махсусро дар ин ҷойҳо пур кунед:*

- *дар шуъбаи ҳудудии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России;*
- *дар марказҳои бисёрҷабҳаи хизматрасониҳои давлатӣ (МФЦ);*
- *дар шуъбаҳои ФГУП «Почта России».*

*Барои сабти номи муҳоҷират ҳамроҳи ҷониби қабулкунанда рафтан зарур аст. Агар шумо дар хобгоҳ ё меҳмонхона, аз ҷумла, ҷои пешниҳодкардаи корфармо ҷойгир шудед, – мутобиқи қонун шуморо бояд дар муддати 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи омадан дар ҳисоби муҳоҷират гузоранд. Хобгоҳ ё ташкилоте, ки дар ҳудуди он истиқомат мекунед, бояд мунтазам муҳлати онро дароз кунанд, ба ин масъала диққат диҳед.*

*Агар шумо ҷойи истиқоматро тағйир диҳед, бояд дар муддати 3 рӯзи корӣ бо суроғаи нав сабти номи муҳоҷират кунед. Ҳангоми сабти нав шуморо зарур аст, ки ҳамон ҳуҷҷатҳои аввалиро пешниҳод кунед, баъди 2 моҳи кор дар Россия нусхаи шартномаи меҳнатиро бо корфармо ҳам пешниҳод бояд кард.*

*Дар хотир доред, ки регистратсия дар ҷое, ки воқеан он ҷо истиқомат намекунед, қонунвайронкунӣ аст ва шуморо метавонанд ҷарима банданд.*

*Шумо барои сари вақт дар қайди муҳоҷират истодан ва мунтазам дароз кардани муҳлати амали он масъул мебошед. Регистратсияи муҳлаташ гузашта қонунвайронкунӣ ба ҳисоб меравад ва шуморо метавонанд ҷарима банданд ё аз Россия берун кунанд.*

*Шаҳрвандони ЕАЭС регистратсияро метавонанд ҳарсола бо назардошти муҳлати амали шартномаи меҳнатияшон дароз кунанд.*

*Регистратсияи хешони наздики шаҳрвандони ФР (ҳамсарон, фарзандон, волидон) ва хориҷиёнеро, ки*

*дар ФР ВНЖ доранд, ҳар сол дароз кардан мумкин аст.*

*Шаҳрвандоне, ки дар Россия дар асоси патент истиқомат мекунанд, муҳлати сабти муҳоҷиратро мувофиқи муҳлати амали патент дароз кардан мумкин аст.*

*Регистратсияи бачаҳоро ба муҳлати амали сабти номи муҳоҷирати волидон дароз кардан мумкин аст.*

***Робитаҳои муфид:***

Гирифтани маълумоти иловагӣ ва боргирӣ кардани варақаи огоҳӣ оид ба сабти муҳоҷират аз ин ҷо имконпазир аст:

https://мвд.рф/Dejatelnost/emvd/guvm/осуществление-миграционного-учета

# Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо

Эҳтимол ягон муҳоҷири "тоза"-и идеалӣ набошад, ки аз аввал то охир ва дар ҳама марҳилаҳо ҳамаи ҳуҷҷатҳояшро расмӣ карда бошад. Аксарият як хаточа доранд. Фақат гуфтан мехоҳам, ки ин ягон вақте ки интизораш набудед, рӯйи об мебарояд. Агар шумо дар оянда РВП, ВНЖ ё шаҳрвандӣ гирифтанӣ бошед, хеле бодиққат амал кунед. Хоҳиши шумо, ки бо харҷи камтар, тезтар ва оддӣ корро бо

ташкилотҳои ғайрирасмӣ буд кардан аст, дар оянда оқибати нек намеоварад – РВП ё ВНЖ-и шуморо метавонанд бекор кунанд *(Гулчеҳра, Ӯзбекистон)*.

Бояд донед – ҳеҷ кас назди шумо намеояд ва намефаҳмонад, ки чӣ тавр ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан лозим аст, ё шумо барои бо тарзи содда гирифтани РВП ҳуқуқ доред, кадом хизматҳо барои шумо ройгон мебошанд ва ғайра. Шумо худатон бояд донед ва ҷустуҷӯ кунед. Бинобар ин сайтҳои боэътимод пайдо кунед, маълумоти муфид гиред ва онҳоро омӯзед *(Мадина, Озарбойҷон)*.

Барои аксарият ин чиз маълум аст, аммо на ба ҳама. Никоҳ, никоҳи динӣ, агар шумо дар САҲШ аз сабти давлатӣ нагузашта бошед, никоҳи расмӣ ҳисобида намешавад. Агар дар ин ҷо касе пешниҳоди никоҳ кунад (чунин ҳам мешавад) донед, ки расмӣ нест. Аз нуқтаи назари қонунгузории Россия ҳам ин одам барои шумо ҳеҷ кас нест *(Нодира, Тоҷикистон)*.

Дар замони пандемия бисёр чиз тағйир ёфт: маҳдудиятҳо ҷорӣ гардиданд, ба муҳоҷирон каме сабукиҳо доданд, ки баъд барҳам хӯрданд. Бисёриҳо ин ҳолатҳоро пайгирӣ кардан натавонистанд, ки боз кай патентро пардохт кардан лозим аст. Аммо

сари вақт пардохтан лозим аст. Барои он ки ин уҳдадории туст *(Лайло, Ӯзбекистон)*.

Ҳуҷҷатҳои худро нусхабардорӣ кунед. Дар ҳолати гум кардани ҳуҷҷатҳо даркор мешавад. Аммо беҳтараш ҳуҷҷатҳоро гум накунед. Ва онҳоро тозаву озода нигоҳ доред – тару чиркин накунед, тасодуфан надаронед, махсусан чекҳои пардохти патентро *(Гулрез, Тоҷикистон)*.

Миёнравҳои шилқин шуморо дар ҳар қадам безор мекунанд. Аз онҳо ҳуҷҷат нахаред *(Муниса, Ӯзбекистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро худатон дар муассисаҳои расмии давлатӣ тайёр кунед, аз хизмати миёнравҳо истифода набаред. Аксар вақт миёнравҳо муҳоҷиронро фиреб карда, пули калонашонро мегиранду ҳуҷҷатҳои қалбакӣ медиҳанд ва ҳангоми фош шудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҳамаи ҷавобгарӣ ба гардани худатон меафтад.*

*Ҳуҷҷатҳои қалбакиро кормандони полисия дар махзани электронӣ тафтиш ва ба осонӣ фош карда метавонанд. Патентҳо, кортҳои муҳоҷирати қалбакӣ дар махзан нестанд, ҳатто агар миёнравҳо шуморо ба дуруст буданашон бовар кунонда бошанд ҳам.*

*Ҳаққонӣ будани патенти корро шумо дар ин сайти расмӣ тафтиш карда метавонед Управления по вопросам миграции ГУ МВД России: https://гувм.мвд.рф дар бахши «Сервисы по вопросам миграции» - «Проверка действительности разрешений на работу и патентов на осуществление трудовой деятельности иностранными гражданами и лиц без гражданства».*

*Дар ҳолати гум кардани ҳуҷҷатҳо онҳоро ҳарчӣ зудтар ба идорае, ки онҳоро додааст, муроҷиат карда, барқарор намудан мумкин аст.*

# Ҷустуҷӯи манзил

Ҷустуҷӯи манзил барои хориҷиён кори осон нест. Афсӯс, ки бисёриҳо ба хориҷиён манзили иҷора намедиҳанд, агар диҳанд ҳам онҳоро сабти ном кардан намехоҳанд. Дар ин маврид сабру таҳаммул карда, манзили иҷораро аз ҳамаи манбаъҳо ҷустан даркор аст – Циан, Авито, дар шабакаи иҷтимоии Вконтакте ва дигар ҷойҳо. Агар чизе ёфта натавонистед, руҳафтода нашавед, ба хостел равед, дар ин ҷо соҳиби ҳуҷра ва регистратсия мешавед. Чунин ҳам мешавад, ки ба ивази пули калон ба шумо регистратсия ваъда медиҳанд (аз ман 200 ҳазор рубл талаб карда буданд!). Ҳеҷ гоҳ ба ин шахсон пул надиҳед *(Ҷеннет, Туркманистон)*.

Албатта, дар амал кам касон бо соҳибхона шартномаи иҷора бастан мехоҳанд ва умуман одамон нағз намефаҳманд, ки ин кор чаро зарур аст. Одатан хурсанд мешаванд, ки ниҳоят соҳиби сарпаноҳ шудаанд. Аммо шартнома ҳуҷҷати хуб ва муҳим аст. Барои шахси иҷорадиҳанда ҳам. Агар оддӣ гӯем, шартнома ин чизест, ки шумо розӣ шудаед, ки дар варақ нависед. Ва ин хеле муҳим аст. Барои он ки агар фақат даҳонӣ розӣ шудед, пас ҳар замон гуфтан мумкин аст – ман инро нагуфта будам, шумо маро дуруст нафаҳмидед *(Гулбаҳор, Тоҷикистон)*.

Кӯшиш кунед, ки ба худ таваҷҷуҳи дигаронро ҷалб накунед. Оромона, хоксорона зиндагӣ кунед, бо ҳамсояҳо нағз муомила кунед ва инро ба фарзандонатон ҳам омӯзонед. То ки ҳеҷ кас ба политсия занг назанад ва тафтишот сар нашавад. Агар дар як хона шумо одами бисёр бошед, диққати дигаронро ҷалб мекунад *(Зарема, Қирғизистон)*.

Маъмулан чунин мешавад: шумо як муддат меоед, ҳамроҳи шиносҳоятон ё дар хостел зиндагӣ мекунед, баъд манзил меёбед, махсусан, агар бо аҳли оила бошед. Ба баъзеҳо аз ҷониби корхона ҷои зист медиҳанд *(Мунира, Тоҷикистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Маслиҳат медиҳем, ки ҳанӯз пеш аз омадан ба Россия манзил ёбед ва шарту шароиташро аниқ кунед. Ҷои зисти шумо бояд бо ҷои регистратсия/ҷои сабти номи муҳоҷират мувофиқ ояд ва соҳиби ҳуҷра ё хона барои шумо ҷониби қабулкунанда ба ҳисоб равад.*

*Ҳангоми ҷустуҷӯи хона хеле боҳтиёт бошед. Ба ширкатҳои шубҳанок мурочиат накунед, танҳо барои дидани хона пул надиҳед, то имзо кардани шартнома маблағи иҷораро надиҳед.*

*Агар манзилро ба воситаи агентиҳои ғайриманқул ҷустанӣ бошед, ширкати боътимодро интихоб кунед. Ширкатҳои боэътимод идораҳои худашонро доранд ва рӯшод, бо лавҳаи номи худ кор мекунанд ва ҳаққи хизматрасониро танҳо баъди он, ки бо соҳиби манзил шартномаи иҷора баста шуд, мегиранд. Эҳтиёт кунед – дар бозори манзил бо фиребгарон дучор шудан мумкин аст! Аз истифодаи ширкатҳое, ки “хизматрасониҳои иттилоотӣ” бо нархҳои хеле арзон пешниҳод мекунанд, худдорӣ намоед.*

*Ҳангоми иҷораи манзил ҳамеша шартнома бандед. Иҷораи манзил бо созишномаи даҳонӣ оқибатҳои ногаҳонӣ, тағйири шартҳо ва ҳатто бехабар маҳрум шудан аз манзилро дорад.*

*Ҳаққи иҷораи манзилро сари вақт пардохтан зарур аст. Шумо бояд дар шартнома зикр кунед, ки ҳаққи манзилро то кадом рӯзи ҳар моҳ пардохт мекунед.*

*Ҳеҷ вақт бе забонхат пул надиҳед – ҳамаи амалиёти марбут ба пул бояд дар коғаз навишта шаванд, то ки шуморо фиреб надиҳанд.*

*Ҳатман ба шартҳои барҳам хӯрдани иҷора таваҷҷуҳ кунед – соҳиби хона ҳақ надорад, ки бе асос ва ба огоҳӣ шуморо ба кӯча ронад. Аз фиребгарон эҳтиёт шавед – то имзо кардану ба даст гирифтани шартномаи иҷора ба ҳеҷ кас пул надиҳед.*

*Шумо ҳуқуқ надоред, ки манзили иҷораро ба рафиқони худ ба иҷора диҳед – ин ҳуқуқи истисноии соҳиби манзил аст. Ҳамаи истиқоматкунандагони манзили иҷоравӣ бояд дар шартномаи иҷора навишта шаванд.*

*Шумо уҳдадор ҳастед, ки дар манзили иҷоравӣ тартибот ва оромиро риоя кунед. Халалдор кардани оромӣ дар рӯзҳои корӣ аз соати 22 то соати 7, дар рӯзҳои истироҳат ва ид аз соати 22 то соати 12 манъ аст.*

*Ширкатҳои бисёре ҳастанд, ки дар хобгоҳҳои коргарӣ ва ҳостелҳои шаҳр ҷои зист пешниҳод мекунанд. Чунин ширкатҳоро хеле осон дар интернет пайдо кардан мумкин аст.*

***Робитаҳои муфид***

- Манбаъҳои интернетӣ барои мустақилона ба иҷора гирифтани манзил дар Россия: https://realty.yandex.ru(Яндекс.Недвижимость) https://www.cian.ru/ (ЦИАН) https://www.avito.ru (Авито) https://www.bn.ru (Бюллетень недвижимости)

- Намунаи шартномаи иҷораи манзилро аз ин суроға гирифтан мумкин аст: http://migrussia.ru/poleznye-materialy/v-pomoshch-migrantu

# Ҷустуҷӯ ва дохил шудан ба кор

Маъмулан корро ба воситаи шиносҳо ҷустуҷӯ мекунем, аммо огоҳ карданӣ ҳастам, ки кори дилхоҳ ёфтан на ҳамеша муяссар мешавад. Ҳарчанд чунин менамояд, ки шиносҳоям кори хуб доранду ман ҳам пайдо мекунам. Аммо чунин нест. Вақти ба кор даромадан бисёр диққат кунед. Мешавад, ки музди корро бо таъхир медиҳанд ё намедиҳанд, ҷарима мебанданд *(Дилноза, Ӯзбекистон)*.

Агар шумо ба таври ғайрирасмӣ кор кунеду ошкор шавад, азоб мекашед. Албатта на ҳамеша ба таври расмӣ бо ҳамаи ҳуҷҷатҳо кор кардан осон аст. Ва ин на ҳамеша танҳо аз шумо вобаста аст, фақат таъҷилан дар ҳар гуна шароит кор карда, пул ёфтан зарур аст *(Зилола, Ӯзбекистон)*.

Кори хуб барои занон – парастории шахсони бекаси танҳо, беморони вазнин ва маъюб аст. Дар ин ҳолатҳо аксар вакт имкони дар ҳамон хона бо пули кам ё бе пул истиқомат кардан пайдо мешавад. Агар шумо маълумоти тиббӣ дошта бошед, боз беҳтар, чунин ҷоро зуд ёфта метавонед. Чунин им-

кониятҳоро ман ҳамеша бо ёрии шиносҳоям ёфтаам *(Гулрез, Тоҷикистон)*.

Хизмати доягӣ дар шаҳрҳои калон талаботи бисёр дорад. Аммо дар ин кор дидадаройӣ ва сазовори боварӣ шудан муҳим аст. Донистани забони русӣ ҳам хеле муҳим аст. Дояи хубро одамон ба дӯстону ошноёнашон тавсия мекунанд *(Ҷеннет, Туркманистон)*.

Худро танҳо ба як кор маҳдуд насозед. Муҳоҷирзаноне ҳастанд, ки фақат ба клининг машғул мешаванд ва то 10 сол кор мекунанд, ҳатто ба корҳои дигар мароқ зоҳир намекунанд. Охир фурӯшанда, нонпаз, хазинадор, сартарош, ороишгар, пешхизмат ва ҳатто ронанда ҳам шудан мумкин аст-ку! Ҷойҳои касбомӯзӣ ҳам ҳастанд. Фаҳмост, ки баъзан таъҷилан кор зарур мешавад ва имкони интихоб нест. Аммо ба ҳар ҳол ба атроф нигаред, бинед, ки мардум ба чӣ корҳо машғуланд, чӣ тавр кори хуб пайдо кардаанд. Ин боз хубии дигаре дорад, ки дар сурати маҳрум шудан аз кор шумо чанд ҳунари дигаре доред ва зуд кори нав меёбед. Фақат як чизро фаромӯш накунед, ки патент танҳо барои як касбест, ки дар он сабт шудааст вагарна ин қоидавайронкунӣ ҳисобида мешавад *(Гулчеҳра, Ӯзбекистон)*.

Мутобиқи қонунҳои Россия кор кардани бачаҳои муҳоҷирон то 18-солагӣ манъ аст. Бояд

инро донед. Фаҳмост, ки бачаҳо ба волидон дар корашон дастёрӣ мекунанд, аммо ин қонуншиканӣ ба ҳисоб меравад *(Раъно, Ӯзбекистон).*

Агар шумо худро кадбонуи хона мешуморед (масалан, мисли ман, ки дар кори истеҳсолот ё савдо худро бад ҳис мекунам), метавонед касбҳои дигареро ба мисли доягӣ, парастор, гуселонандаи бачаҳо ё калонсолон, рӯбандаю шӯяндаи хона ё бӯстонсаро пайдо кунед. Чунин корҳоро ёфтан осон нест, на ҳамеша бо ҳам мувофиқ меоед, вале чун ёфтед, хушмуомила бошед, он гоҳ шуморо ба дигарон ҳам тавсия медиҳанд *(Паризода, Ӯзбекистон).*

***Шарҳи коршиносон***

*Кори ғайрирасмӣ дар ФР – қонуншикании ҷиддӣ аст. Машғул шудан бо кори ғайрирасмӣ бо ҷарима ҷазо додла мешавад. Донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ, ҳимоя кардани худ аз таваккалҳои нодаркор зарур аст.*

*Ҳангоми ба нақша гирифтани корҷӯӣ дар Россия омӯзед, ки кадом касбҳо серталабгор мебошанд, пешакӣ муайян кунед, ки шумо ба кадом кор машғул хоҳед шуд. Ҷойҳои холии кор (вакансияҳо)-ро дар ҳамаи минтақаҳои Россия аз ин сайт пайдо кардан мумкин аст: https://trudvsem.ru/. Дар ҳар минтақа махзани расмии худии ҷойҳои холии кор ба шакли онлайн мавҷуд аст..*

*Ба воситаи миёнравҳо, вақте ки худи кордиҳанда ва шартҳои кор ба шумо маълум нестанд, ба кор дохил нашавед. Саросема нашавед ва ба аввалин ҷойи пайдошуда ба кор надароед. Бо кордиҳанда во хӯред, ба ӯ саволҳо диҳед. Шарм надошта дар бораи музди кор – маблағи он, муҳлати пардохти он пурсед. Агар имкон бошад, бо кормандон суҳбат карда, дар бораи ҷои кори ояндаатон тасаввуроти пурра ҳосил кунед.*

*Барои расман ба кор сар кардан дар ФР бо кордиҳанда ин шартномаҳоро бастан лозим аст:*

*- шартномаи меҳнатӣ – дар ҳолати кори доимии дарозмуддат дар ҷои кори кордиҳанда;*

*- шартнома дар бораи хизматрасонӣ, пудрати иҷрои ҳаҷми маҳдуди кор дар вақти маҳдуд.*

*Муҳоҷири меҳнатӣ бояд дар муддати 2 моҳ аз рӯзи гирифтани патент расман ба кор сар кунад, инчунин ба отдел по вопросам миграции УВМ ГУ МВД России нусхаи шартномаи меҳнатии худро фиристонад.*

*Меҳнати иҷора (аз тарафи кордиҳанда ба дигар ташкилотҳо равон кардани кормандони худ бе шартномаи меҳнатӣ) дар Россия манъ аст. Танҳо агентиҳои расмии хусусии шуғл ҳуқуқи пешниҳоди меҳнати кормандони худро ба дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеъӣ доранд, ҳамзамон онҳо уҳдадор мебошанд:*

*- дар шартномаи меҳнатӣ бо корманди хориҷӣ нишон додани имконияти иҷрои кор дар ҷониби сеюм;*

*- бо корманд бастани шартномаи иловагӣ дар ҳолатҳое, ки ӯро барои иҷрои кор ба ҷониби сеюм равона мекунанд.*

*Ҳамаи агентиҳои хусусии шуғл дар феҳристи ягонаи Роструд сабти ном шудаанд - https://rostrud.gov.ru/opendata/7712345678-chaz Ҳатман тафтиш кунед, ки кордиҳандаи шумо дар ин феҳрист ҳаст ё не*

*Барои расман ба кор даромадан муҳоҷир бояд инҳоро дошта бошад:*

*- шиносномаи хориҷии амалкунанда бо тарҷумаи русии аз ҷиҳати нотариалӣ тасдиқшудааш;*

*- дафтарчаи меҳнатӣ (дар ҳолати надоштани дафтарчаи меҳнатӣ онро бояд кордиҳанда барои муҳоҷир ташкил кунад);*

*- ИНН (рақами мушаххаси андозсупор);*

*- СНИЛС;*

*- патенти амалкунандаи кор;*

*- полиси амалкунандаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС);*

*- диплом дар бораи таҳсилоти миёнаи махсус ё олии касбӣ – ҳангоми машғул шудан ба вазифаҳои тахассусӣ.*

*Дар Россия рӯйхати 135 касби мутахассисони баландихтисос амал мекунад. Чунин мутахассисон метавонанд барои гирифтани шаҳрвандӣ бо усули соддашуда дар ҳолати доштани собиқаи беш аз 1-солаи кори расмӣ дар ФР умед банданд. Дар ин рӯйхат ихтисосҳои тиббӣ (фелдшер, хоҳари шафқат, дух-*

*тур, акушер), педагогӣ (мураббӣ, муаллим,омӯзгор), муҳандисӣ, коргарӣ (челонгар, таъмиргар, барқчӣ, кафшергар, дастгоҳдор ва г.), кишоварзӣ ва дигар тахассусҳо ҳастанд. Бо ин рӯйхат дар интернет шинос шудан мумкин аст - Приказ Министерства труда и социальной защиты Российской Федерации от 25.11.2019 № 734н «Об утверждении перечня профессий (специальностей, должностей) иностранных граждан и лиц без гражданства - квалифицированных специалистов, имеющих право на прием в гражданство Российской Федерации в упрощенном порядке»*

# Таҳсилоти бачаҳо

Барои ба кӯдакистон шомил кардани бачаҳо ба он ҷо рафтан шарт нест. Ба воситаи интернет ариза додан кофӣ аст, агар ҳуҷраи дастрасӣ ба хизматҳои давлатӣ дошта бошед. Агар набошад, ба МФЦ рафта, ариза навиштан лозим аст. Аммо ин ҳеҷ чиро кафолат намедиҳад, ки шуморо дар навбат монда бошанд. Ва вақте ки навбататон омад, ба шумо хабар медиҳанд. Танҳо баъди ин ба кӯдакистон бо ҳуҷҷатҳо меравед ва бачаро аз ташхис мегузаронед *(Ситора, Ӯзбекистон)*.

Ба он омода бошед, ки бачаи мактабхони шуморо шояд як синф поёнтар қабул кунанд, зеро ҳазми барнома барояш душвор мешавад. Агар шумо инро нахоҳед, бояд бо ӯ дар ҳазми барнома ва такмили дониши забони русияш ҷиддан кор баред.

Мактаберо интихоб кунед, ки равуояш барои бача осон бошад ва ба тартиби кори шумо ҳам мувофиқ ояд. Пешакӣ донистан лозим аст, ки ба мактаб кадом ҳуҷҷатҳо, маълумотномаҳои тиббӣ ва либоси ягон зарур ҳастанд.

Барои он ки бача ба муҳит зудтар мутобиқ шавад, ӯро аз аввали соли хониш ба мактаб овардан зарур аст. Маъмулан ҳамсинфон бачаи навро дар оғози соли хониш оромона қабул мекунанд ва зуд дӯст мешаванд.

Моҳҳои аввали таҳсил барои бача душвор мешаванд, ӯро ҳаматарафа дастгирӣ кунед. Оромона ва бо итминон фаҳмонед, маслиҳат диҳед, бо роҳбари синф робитаи доимӣ дошта бошед. Аз ӯ дар бораи фаъолияти бачаи худ пурсон шавед.

Ҳамаи мактабиён ба ғайр аз барномаи мактабӣ баъди дарс дар маҳфилу клубҳо иштирок мекунанд. Ба ибораи дигар, бача бояд ба шуғле банд бошад. Барои бача мувофиқи хоҳиш ва қобилияти ӯ маҳфил ё клуб интихоб кунед. Аз машғулиятҳояш доим хабардор шавед.

Аз ҳама асосӣ кӯшиш кунед, ки ҳуҷҷатҳои шумо ва фарзандатон дуруст бошанд, зеро бача дар мактаб

дар асоси патенти волидон таҳсил мекунад *(Шоиста, Тоҷикистон)*.

Агар нақшаи дар Россия дурудароз мондан дошта бошед, кӯшиш кунед, ки ба фарзандон ягон касбу ҳунар омӯзонед. Бигзор ақалан дар омӯзишгоҳ ё коллеҷ таҳсил кунанд. Барои онҳо назар ба шумо осонтар мешавад, агар ягон касб дошта бошанд *(Гулбаҳор, Тоҷикистон)*.

Дар масъалаи мактаб ман мушкилие надоштам. Аммо вақте ба синфи 11 даромадам, фаҳмидам, ки барномаи онҳо аз барномаи мактаби кишвари мо хеле фарқ доштааст. То ҳол дар ёд дорам, ки дар тахтаи синф синусҳо ва косинусҳоро дидам, ҳатто намедонистам, ки онҳо чистанд ва чӣ гуна ҳал карда мешаванд. Ин қафомониро бартараф кардан лозим буд ва барои ман қариб ним сол лозим шуд. Ба ман дарсҳо аз Youtube ёрӣ доданд, гуфта метавонам, ки аз онҳо хеле омӯхтам, муаллимони хусусӣ ҳам нақши муҳим бозиданд. Дар натиҷа ЕГЭ-ро бо баҳои хуб супурдам *(Ҷеннет, Туркманистон)*.

Махсус ба ҷавондухтарон ва модарон маслиҳат медиҳам, ки ҳатман таҳсил кунанд! Ягон маълумот гиред, танҳо бо маълумоти синфи 9 маҳдуд нашавед. Омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳо, мактабҳои

шабонаю ғоибона ҳастанд, интихоб бисёр аст *(Айгерим, Қирғизистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Пеш аз он ки кӯдакро ба кӯдакистон ё мактаб диҳед, дар ёд доред, ки шумо бояд қонунӣ қарор дошта бошед, шумо ва фарзандатон регистратсияи амалкунанда дошта бошед.*

*Ба Россия, ки бо бачаҳои хурд омадед, ба душвориҳо дар масъалаи ба кӯдакистон шомил кардани онҳо тайёр бошед. Дар шаҳрҳои азим ҷойҳо дар кӯдакистон маҳдуд мебошанд. Бачаҳоро ба кӯдакистон хеле барвақт сабт мекунанд, аммо дар ин ҳолат ҳам ҷой барои ҳама намерасад. Барои қабқл кардан ба кӯдакистон ба МФЦ муроҷиат кунед.Ҳуҷҷатҳои даркориро аз шумо гирифта, шуморо дар навбат мегузоранд. Расидани навбат аз минтақа, шумори имтиёздорон ва миқдори ҷо дар кӯдакистонҳо вобаста аст.*

*Мувофиқи қонунҳои Россия таҳсил дар мактаб ҳатмӣ аст ва ҳамаи бачаҳои синни мактабӣ бояд дар мактаб таҳсил кунанд. Ҳамзамон ба шаҳрвандони хориҷии аз 18-сола хурд кор кардан манъ аст.*

*Барои қабул ба мактаб шуморо ҷавоби рад дода наметавонанд. Аммо рад кардан танҳо бо сабаби набудани ҷой дар мактаб буда метавонад. Дар ин ҳолат мактаби дигарро тавсия медиҳанд, ки чунин ҷойҳоро дорад.*

*Агар шумо дар қабули фарзанд ба мактаб ба мушкилот дучор шудед, метавонед ба РОНО - шуъбаи маорифи ноҳияе, ки он ҷо регистратсия доред, муроҷиат кунед.*

*Барномаи мактабӣ хеле фарқ карданаш мумкин аст. Агар фарзанди шумо забони русиро нағз надонад, ин барои таҳсилаш мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад. Дар ин ҳолат агар бачаро ба синфи поёнтар қабул кунанд, муқобил набароед, ки хонданаш дар он синф осонтар мешавад. Дар ёд доред, фарзанди шумо дар ин ҷо назар ба ватан ба дастгирии бештар ниёз дорад. Вақт ёфта бо ӯ дар масъалаҳои ба ӯ мароқангез суҳбат кунед, аз рафти хонданаш огоҳ шавед. Аз суҳбату муошират бо роҳбари синф шарм надоред, дар маҷлисҳои волидон иштирок кунед.*

*Фаъолиятҳои гуногуни берунидарсӣ имкон медиҳанд, ки бача ба иҷтимоъ ворид гардад. Инҳо метавонанд маҳфил ё бахш, курси забономӯзӣ, чорабиниҳои гуногун барои ҷавонон бошанд. Чунин фаъолнокӣ метавонанд барои зуд мутобиқшавии ӯ, ёфтани дӯстони нав, паси сар кардани ҳаяҷонимутобиқшавӣ мадад расонанд.*

*Мақсади вуруди бачаҳои синни мактабӣ ва томактабӣ – "хусусӣ" аст, ӯ ҳуқуқ дорад, ки дар Россия на зиёда аз 90 шабонарӯз дар муҳлати ҳар нимсола аз санаи вурудаш истиқомат кунад. Агар бача шомили кӯдакистон ё мактаб бошад – муҳлати амали*

*сабти муҳоҷираташро ба муҳлати регистратсияи волид ё ҳарду волидонаш, ки бо патент кор мекунанд, аммо на зиёда аз 3 моҳ дароз кардан мумкин аст. Барои дароз кардани муҳлати регистратсияи кӯдак ба УВМ ГУ МВД Россия дар ҷойи регистратсиятон муроҷиат ва ин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кунед:*

*- ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсили кӯдак дар мактаб (маълумотнома);*

*- чекҳо-расидҳо дар бораи пардохти патенти кор;*

*- огоҳнома дар бораи сабти номи кӯдак ва волидон дар ҳисоби муҳоҷират – дар ҳамон як суроға.*

*Агар кӯдак ба таҳсил дар мактаби Россия тайёр набошад, забони русиро нағз надонад, бо бачаҳои рус бо душворӣ муошират намояд, дар баъзе минтақаҳо ба ташкилоти ҷамъиятӣ муроҷиат карда, ёрӣ гирифтан мумкин аст. Волонтёрҳо ба бачаҳо машғулиятҳои омӯзишии бепул мегузаронанд, барномаҳои фароғатию фарҳангӣ ташкил мекунанд, ба бачаҳо барои мутобиқ шудан дар ҷамъияти россиягӣ мадад мерасонанд.*

***Робитаҳои муфид:***

Агар бар масъалаи қабул ба мактаб мушкилие пеш ояд, ба  Комитет ё Департамент по образованию – муроҷиат кардан даркор аст, ки дар ҳамаи минтақаҳо ҳаст.

Министерство просвещения России

https://open.edu.gov.ru/appeals, +7 (495) 587- 01-36

https://open.edu.gov.ru/appeals/e-send/ - барои шикоятҳои электронӣ

Дар ҳолати поймолшавии ҳуқуқи кӯдак ба ин ҷо муроҷиат кардан мумкин аст  Уполномоченному по правам ребёнка.

# Ёрии тиббӣ

Бисёре аз хориҷиён нисбати гирифтани полис бепарвоӣ мекунанд, ки оқибати хуб надорад. Бародари ман, вақте ки ба Россия омад, аввал хост аз ҳисоби полис, ки ба назараш қимат менамуд, пулашро сарфа кунад. Аммо баъдан харид. Баъд ба касалии короновирус дучор шуд, ӯро дар беморхона хобонданд. Тамоми табобат бепул шуд. Ҳампалатаҳои ӯ барои табобати якҳафтаина қариб 50 ҳазор рубл доданд. Полиси бародари ман ҳамагӣ 7 ҳазор рубл буд *(Ҷеннет, Туркманистон).*

Ёрии таъҷилӣ дар Россия бепул аст. Аммо вақте фалокат рӯй диҳад, ту ҳамчунон асабонӣ мешавӣ, ки чӣ кор карданатро, чӣ гуфтанатро намедонӣ. Боз агар забони русиро надонӣ, чӣ шуданашро фаҳмонда наметавонӣ. Дар ин ҳолатҳо беҳтар

аст, ки аз ҳамсояҳо ё раҳгузарон илтимос кунед, ки ёрии таъҷилиро даъват кунанд.Чунин воқеа шуда буд, ки шавҳари як шиносам инсулт гирифт. Онҳо моҳияти масъаларо бо телефон дуруст фаҳмонда натавонистанд. Ёрии таъҷилӣ ҳам беҳуда намеоянд, зеро аз ҷиддӣ будани масъала духтурон огоҳ карда нашуданд. Духтурони ёрии таъҷилӣ регистратсия ва патенти шуморо тафтиш намекунанд, аз даъват кардани онҳо тарсидан даркор нест, агар дар ҳақиқат вазъи бемор вазнин бошад *(Шаҳзода, Ӯзбекистон)*.

Агар шумо полиси ОМС, надошта бошед, бояд полиси ДМС харед. Баъзеҳо полиси аз ҳама арзон мехаранд, танҳо ба хотири аз тафтиш халос шудан, аммо он ҳеҷ хароҷоти хизмати тиббиро пӯшонида наметавонад. Аммо дар ин ҳолатҳо одамон ба назди табибони пулакӣ мераванд. Духтурҳоро дар беморхонаҳои хусусӣ ва давлатӣ бо маблағҳои дастрас ҳам пайдо кардан мумкин аст. Нархҳои қабули онҳоро маъмулан аз сайтҳояшон пайдо кардан мумкин аст *(Зарина, Ӯзбекистон)*.

Баъзеҳо полисҳоро аз ҳам фарқ карда наметавонанд. ОМС – ин полисе аст, ки агар РВП, ВНЖ доред ё аз кишвари узви ЕАЭС ҳастеду ба тариқи шартнома кор мекунед, онро гирифта метавонед. Мувофиқи он хизмати тиббӣ бепул аст. Аммо на

дар ҳама ҷо, балки дар клиникаҳои муайяни давлатӣ. Агар шумо бо патент кор мекунед, шумо танҳо полиси ДМС харида метавонед *(Мадина, Озарбойҷон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Ёрии фаврии тиббӣ дар Россия бепул расонида мешавад. Барои даъвати ёрии таъҷилии тиббӣ ба 112 ё 103 занг занед. Ба саволҳои духтури навбатдор аниқу дақиқ ҷавоб диҳед, таваҷҷуҳи ӯро ба аломат ва ҳолатҳои бемор, ки фаврӣ ҳисобида, ёрии таъҷилиро талаб мекунанд, ҷалб намоед. Қарори фиристодани ёрии таъҷилии тиббӣ ба баёнияи шумо асоснок мешавад. Агар шумо забони русиро нағз надонед, аз ягон забондон хоҳиш кунед, ки ёрии таъҷилиро даъват намояд.*

*Шартҳои расондани ёрии нақшавии тиббӣ аз кишвари зодгоҳатон ва мақоми шумо дар Россия вобаста мебошанд. Ҳуқуқи бепул гирифтани ёрии тиббӣ бо полиси ОМС доред:*

*- агар шумо шаҳрванди ЕАЭС (Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус) бошед ва бо шартномаи меҳнатӣ кор кунед;*

*-шаҳрванди хориҷӣ бошед ва агар РВП ё ВНЖ дошта бошед;*

*-иштирокчии барномаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон бошед.*

*Расондани ёрии нақшавии тиббӣ барои шаҳрвандони давлатҳои боқимонда пулакӣ аст. Хароҷоти як*

*қисми хизмат метавонад бо полиси ДМС пӯшонда шавад. Дар ширкати суғуртае, ки шумо полис мегиред, метавонед номгӯи хизматҳоеро, ки дар доираи полис дохил мешаванд, аниқ кунед. Шумо ҳамеша метавонед миқдори хизматҳои тиббиро, ки ба воситаи полис пардохт карда мешаванд, васеъ кунед. Барои ин шуморо зарур аст, ки ба агенти суғурта фаҳмонед, ки маҳз кадом хизматҳо бароятон зарур мебошанд, то ӯ барномаи мувофиқи мақсади суғуртаро пешниҳод кунад.*

*Ба хизматрасонии "мутахассисон"-е, ки тахассуси тиббӣ, иҷозатномаи расондани ёрии тиббӣ надоранд, инчунин мутахассисоне, ки пинҳонӣ кор мекунанд, мурочиат накунед. Мурочиат кардан ба ин гуна мутахассисон боиси талафи маблағ ва зарар расондан ба саломатӣ мегардад.*

*Донистан муҳим аст, ки дар Россия рӯйхати бемориҳое мавҷуд аст, ки барои гирифтани патент, РВП, ВНЖ ва шаҳрвандӣ монеа мешаванд. Ба чунин бемориҳо ВИЧ, сил, сифилис, муътодӣ ба маводи мухаддир, инчунин KOVID-19 дохил иешаванд.*

*Дар ҳолати ошкор шудани ин гуна касалиҳо таҳияи ин ҳуҷҷатҳои шуморо қатъ мекунанд. Ин касалиҳо табобати ҷиддиро талаб мекунанд, дар акси ҳол вазъи саломатиятон вазнин мешавад ва аз ҳаёт ҳам маҳрум мешавед, бинобар ин кӯшиш накунед, ки ин мушкилотро бо роҳи ба даст даровардани*

*ҳуҷҷатҳои қалбакӣ барои вуруди ғайрирасмӣ ба Россия ҳал кунед.*

***Робитаҳои муфид***

Дар ҳолати мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ ба ин ҷо муроҷиат кардан мумкин аст:

- ба хати доғи Министерства здравоохранения: 8 (800) 200-03-89

# Ҳомиладорӣ ва таваллуд дар Россия

Ҳамчун духтури гинеколог ба занони хориҷӣ гуфтанӣ ҳастам, ки ҳомиладорӣ ва таваллуд кардан дар Россия чӣ тавр сурат мегиранд. Чанд ҳолати гуногунро баррасӣ мекунем: чӣ тавр бояд шавад, маъмулан чӣ тавр мешавад ва чӣ тавр набояд шавад, аммо дар амалия мешавад.

3 сенарияи эҳтимолиро дида мебароем.

**Ҳолати идеалӣ**

Шумо ҳомиладориро 3 моҳ то ҳомиладорӣ ба нақша мегиред, витамин истеъмол мекунед, аз ҳамаи ташхисҳои зарурӣ мегузаред, касалиҳои ошкоршударо табобат мекунед, эм мегиред.

Дар тамоми раванди ҳомиладорӣ таҳти назорати гинеколог, на дертар аз ҳафтаи 12-уми ҳомиладорӣ

дар ҳисоб меистед. То таваллуд аз ҳамаи ташхисҳо гузашта, анализҳоро месупоред. Ҳамаи тавсияҳои духтурро иҷро мекунед. Дарди зоиш, ки сар шуд, ёрии таъҷилиро даъват мекунед ва ба таваллудхона меравед.

**Ҳолати ғайриидеалӣ**

Бо ин ё он сабаб дастрасӣ ба хизмати назорати комили ҳомиладории шумо имконпазир намешавад. Бисёр вақт ба онҳое, ки полиси ОМС надоранд ва хизматрасониҳои пулакӣ ва полиси ДМС барояшон гарон аст, чунин ҳолат рӯй медиҳад.

Бо ин вуҷуд мехоҳам се чорабинии муҳимро барои занони ҳомила таъкид кунам, ки баҳри онҳо маблағро дареғ набояд дошт.

1. Скрининг УЗИ аз ҳафтаи 11 то ҳафтаи 13 - он муҳлати аниқи бордориро аниқ мекунад ва мушкилоти эҳтимолии асарот ва патологияро муайян месозад. Таҳлили генетикӣ ва мутатсияро низ то 12-ҳафтагӣ анҷом медиҳанд. Дар сурати ошкор шудани мутатсия шумо ҳуқуқ дорад аз рӯи аломатҳои тиббӣ аборт кунед.

2. Скрининг УЗИ, ки афзоиши кӯдакро нишон медиҳад - Аз 18 то 21-ҳафтагӣ.

3. Тести глюкозотолерантӣ - аз 24 то 28-ҳафтагӣ.

Инҳо озмоишҳои муҳим мебошанд, ки патологияҳои хатарноки рушди кӯдакро нишон медиҳанд.

**Ҳолатҳои беилоҷ**

Шумо имкони ба духтур муроҷиат кардан ва таҳти назорати ҳомилагӣ қарор гирифтан надоред.

Дар амалия чунин ҳам мешавад, ки тамоми марҳилаи ҳомилагии муҳоҷирзан бе назорати духтур мегузарад. Ҳолатеро қайд кардан мехоҳам, вақте ки ба ҳомила таъҷилан муоинаи духтур ҳатмӣ аст:

-дардҳои кашиш дар зери шикам;

-хунравӣ;

-фишори баланди хун 140/90 ва дар пешоб мушоҳида шудани сафеда – ин аломати таҳдид ба ҳаёти модар ва кӯдак – преэклампсия аст. Преэклампсия ҳатман бистарӣ шуданро талаб мекунад!

-кӯдак намеҷунбад. Кӯдаки онҳое, ки бори аввал ҳомила шудаанд, аз ҳафтаи 20-ум, такроран таваллуд мекардаҳо аз ҳафтаи 18-ум бояд ҳар рӯз ҷунбад;

-саршавии обравӣ.

Аниқ кунед, ки дар шаҳри шумо ташкилотҳои хайриявие, ки оид ба саломатӣ маслиҳатҳои бепул медиҳанд, ҳастанд ё не. Дар Санкт-Петербург инҳо мебошанд: «Благотворительная больница» *(Марал, Туркманистон).*

***Шарҳи коршиносон***

*Аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ таваллуд кардани кӯдак дар Россия иқдоми ҷиддӣ ва*

*масъулиятнок аст, ки ба он ҳамаҷониба тайёр шудан даркор аст.*

*Дар сурати таваллуд кардан дар Россия барои шумо маблағҳои иловагии молиявӣ ва тайёр кардани ҳуҷҷатҳои иловагӣ зарур мешаванд. Инчунин ба бекормонии муваққатии модари кӯдак ҳам омода бошед – афсӯс, ки занони ҳомила ва занони дорои кӯдакони хурдсол ҳангоми дохил шудан ба кор таъбиз (дискриминатсия) мешаванд.*

*Агар шумо ҳангоми ҳомиладорӣ муоинаи духтури гинекологро дар маслиҳатгоҳи занона ба нақша гиред, ба шумо барномаи махсуси суғуртаи тиббӣ даркор мешавад, зеро полиси маъмулии ДМС хароҷоти ин хизматҳои тиббиро намепӯшонад.*

*Аммо муҳоҷирон-шаҳрвандони ЕАЭС, инчунин дорандагони РВП ин хизматҳоро бо полиси ОМС бепул гирифта метавонанд.*

*Муоинаи ҳомиладорӣ имкон медиҳад, ки ҳолати саломатии модару кӯдак пайгирӣ карда, дар сурати пайдо шудани мушкилот саривақт дахолат карда шавад то таваллуд осон гузарад. Агар шумо полиси ОМС надошта бошед ва имкони пардохти барномаи пулакиро надоред, бо ин вуҷуд тавсия медиҳем, ки дар сурати пайдоиши дард, хунравӣ ва бад шудани саломатӣ ба духтур муроҷиат кунед. Ҳолатҳое мешаванд, ки равиши нодурусти ҳомиладорӣ натанҳо боиси марги тифл, инчунин модар мегардад.*

*Таваллуд дар Россия бепул аст. Барои ба таваллудхона рафтан ёрии таъҷилии тиббиро вақте, ки дард авҷ гирифт, даъват кунед. Дар Россия талабот оид ба мавҷудияти таҳлилҳо ва муоинаҳо барои қабул ба таваллудхона сахт аст. Дар сурати набудани таҳлилҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳам ҳомиладорро қабул мекунанд, аммо дар шуъбаи обсерватсионӣ ҷой медиҳанд.*

*Ҳамаи хизматҳои тиббӣ ба ғайр аз таваллуд дар сурати надоштани полиси ОМС ё барномаи махсуси ДМС пулакӣ мебошанд. Пешакӣ аниқ кунед, ки барои чӣ ва чӣ қадар пул додан даркор аст, то ки ин боиси сарсонӣ нагардад.*

*Баъди рухсатӣ аз таваллудхона шумо дар бораи таваллуди кӯдак маълумотнома мегиред. Баъд бо ин маълумотнома ва ҳуҷҷатҳоятон шумо бояд барои кӯдак шаҳодатномаи таваллуд гиред. Ин корро дар ЗАГС-и ноҳияе, ки он ҷо регистратсия доред, анҷом медиҳанд. Баъди гирифтани шаҳодатномаи таваллуд аз шумо талаб карда мешавад, ки кӯдакро дар ҳисоби муҳоҷират сабти ном (регистратсия) кунед.*

# Муошират бо аҳолии маҳаллӣ

Ба туфайли нағз донистани забони русӣ ман аз ҳамон лаҳзаҳои аввал бо одамони маҳаллӣ, ки бо ман дар таҳсил, кор, ҳамсоягӣ қарор доштанд, осон муошират мекардам. Ҳатто гуфта метавонам, ки муошират барои ман назар ба ҳамватанонам осонтар буд. Ман дидам, ки чизҳои наве ёд гирифтан метавонам. Баъзе чизҳои мусбат дар ман баъди муошират бо россиягиҳо пайдо шуданд. Як шиносам дар ёфтани кор ёрӣ дод, дигараш – ҳамкорам – дар ёфтани манзил мадад кард. Бо дарназардошти он, ки барои хориҷиён иҷора гирифтани манзил осон нест, инсони рус метавонад хеле мусоидат кунад *(Мадина, Озарбойҷон)*.

Фақат дар маҳдудаи худ зистан барои муҳоҷирон хавфнок аст. Масалан, вақте карантин сар шуд, ман бе робитаҳои иҷтимоии худ наметавонистам. Чӣ тавр дӯст пайдо кард? Дар ин кор ба ман волонтёрӣ, маҳфилҳои ройгон ва чорабиниҳои гуногун ёрӣ расонданд *(Марал, Туркманистон)*.

Вақте ман ба Россия равон шудам, аз муносибати манфии аҳолии маҳаллӣ бим доштам, фикр мекардам, ки онҳо бо одамони осиёӣ муомилаи бад мекунанд. Аммо тарси ман беасос баромад, одамони хайрхоҳ будаанд (Лайло, Ӯзбекистон).

Бисёре аз муҳоҷирзанон ба Россия омада, дар маҳдудаи муҳоҷирони худ мемонанд. Гуфтан мехоҳам, ки ин кор имкониятҳои шуморо хеле маҳдуд мекунад. Шумо дар ин пуфаки худ зиста, воқеияти Россия, одатҳои россиягиҳо, бозори кори Россия ва бисёр чизҳои дигарро дарк намекунед. Бинобар ин илоҷе карда, аз ин муҳити маҳдуд берун шавед *(Айкинаш, Қирғизистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Дар доираи наздикон ва муҳоҷирони монанди худ маҳдуд нашуда, бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед.*

*Анъана ва одатҳои бегонаро душманона қабул накунед, ҳарчанд барои шумо нофаҳмо бошанд ҳам. Аз имконияти шинос шудан бо анъанаҳои дигар ва тарзҳои нави зиндагӣ истифода баред. Мушоҳидакор бошед, ба тарзҳои муошират дар ин ё он вазъият шинос шавед.*

*Агар бо муносибати манфӣ нисбати худ дучор шудед, оромиро аз даст надиҳед. Муносибати манфӣ чун қоида аз он сарчашма мегирад, ки аҳолии маҳаллӣ до муҳоҷирон муошырати шахсӣ надоранд, маълумотро дар бораи муҳоҷирон асосан аз васоити ахбори омма мегиранд, ки муҳоҷиронро аз ҷиҳати манфӣ муаррифӣ мекунанд. Шумо метавонед бо рафтори самимӣ ва некхоҳонаи худ ин тасаввуроти манфиро тағйир диҳед.*

*Бо ҳамсояҳо саломуалейк кунед, ҳангоми вохӯрӣ бо табассум дӯстхоҳ будани худро нишон диҳед. Ба пиронсолон ёрӣ пешниҳод намоед, ба зане, ки аробачаи кӯдак дорад, мадад расонед – ҳатто камтарин аломати меҳрубонӣ шуморо дар назари дигарон нек нишон медиҳад. Аз ҷанҷол бо ҳамсояҳо худдорӣ кунед. Ҳатто камтарин ҷанҷол бо онҳо боиси ҷанҷоли калон, масалан, аз ҷониби ҳамсояҳо даъват кардани политсия мегардад.*

*Дар нақлиёт хӯрдан ё баланд гап задан, дар кӯча пиво нӯшидан, атрофро чиркин кардан ҷоҳилӣ ва беадабӣ ҳисоб карда мешавад. Дар нақлиёт ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба калонсолон ҷой додан нишонаи одоб аст.*

*Фарҳанги шаҳрӣ муносибати эҳтиромонаро ба фазои шахсии ҳар инсон қабул дорад.*

*Вайрон кардани фазои шахсӣ, масалан, кӯшиши шиносшавӣ, бисёр наздик шудан, бе ризояти шахси дигар ба ӯ гап задан, бе даъват ба хонаи дигаре даромадан мумкин нест ва норозигии атрофиёнро ба амал меоварад. Меъёр муносибати муҳтарамона ва беозор аст.*

*Россия – давлати дунявӣ аст: намоиши рафторҳои динӣ, ё тасаввуроти динӣ дар бораи ахлоқ, либос, муносибати нодуруст дар берун аз калисову масҷид ва иттиҳодияҳои динӣ ва дар рӯзҳои ғайри идҳои динӣ аҷоиб менамояд ва аз ҷониби аксарият қабул карда намешавад.*

*Россия – кишваре аст, ки дар он баробарҳуқуқии марду зан эътироф шудааст. Он аз ҷониби қонун ҳифз карда мешавад. Занон либоси зебо пӯшидан ва ҳусни худро нишон додан мехоҳанд - ин аломати мустақилӣ ва озодии онҳост, на барои омода будан ба шиносоӣ. Дар кӯча шинос шудан қабул нест.*

*Аксари россиягиҳо дӯстпарвар ҳастанд, ба дастгирӣ дар лаҳзаҳои душвор тайёр мебошанд, бо дилкушодӣ ба саволҳо ҷавоб мегӯянд. Барои зудтар дар Россия одат кардан ба шумо тавсия медиҳем, ки бо аҳолии маҳаллӣ бештар муоширати кунед, дӯстон пайдо намоед, дар ҷашнҳо ширкат варзед, ба кино, осорхона, театр, китобхонаҳо равед, забони русиро омӯзед.*

# Муошират бо политсия

Дар ин масъала чӣ маслиҳат додан мумкин аст? Маслиҳати оддӣ. Ҳама чиро расман ҳуҷҷатӣ кунед ва ҳама ҳуҷҷатҳоро ҳамеша бо худ гиред ва он гоҳ бо политсия мушкилот пеш намеояд. Тафтиш мекунанду ҷавоб медиҳанд *(Зилола, Ӯзбекистон)*.

Дар Россия «соати комендантӣ» аст – вақте ки бачаҳо бе волидонашон бояд дар кӯча набошанд. Ин соат дар шаҳрҳои гуногун ҳар хел аст, аммо

маъмулан баъди соатҳои 22-23 сар мешавад. Агар баъди ин соатҳо бача дар кӯча бошад, политсия ӯро боз медорад ва волидонро ҷарима баста метавонад. Бачаҳои худро аз ин огоҳ кунед *(Мадина, Озарбойҷон)*.

Агар бачаро политсия бо сабабе дастгир кунад, бояд ба волидон хабар диҳад. Бача ҳам ҳуқуқи занг задан дорад. Наврасони ноболиғро аз се соат бештар нигоҳ доштан мумкин нест (*Айкинаш, Қирғизистон)*.

***Шарҳи коршиносон***

*Вазифаи кормандони политсия муҳофизати тартиботи ҳуқуқӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои аҳолӣ мебошад. Муошират бо политсия набояд боиси тарсу ҳарос гардад. Аммо донистани ҳуқуқҳои худ ҳангоми муошират бо политсия зарур аст.*

*Шаҳрванди хориҷӣ бояд ин ҳуҷҷатҳоро бо худ дошта бошад:*

- *шиноснома*
- *корти муҳоҷират*
- *огоҳнома дар бораи сабти муҳоҷират (регистратсия)*
- *патенти кор бо чекҳои супурдани пешакии пардохтҳои андоз*

- *полисҳои амалкунандаи суғуртаи ихтиёрӣ (ДМС) ё ҳатмии тиббӣ (ОМС).*

*Ҳангоми муроҷиат ба Шумо корманди политсия бояд рутба, вазифа, насаби худро гӯяд, шаҳодатномаи хизматии худро мувофиқи талаби Шумо нишон диҳад, сабаб ва мақсади тафтиши ҳуҷҷатҳоро фаҳмонад.*

*Ҳуҷҷатҳоро танҳо он кормандони политсия тафтиш карда метавонанд, ки дар иҷрои вазифаи хизматӣ бошанд. Онҳо нишони сарисинагӣ (жетон) доранд – рақами онро ба ёд гиред ё нависед, дар сурати пеш омадани мушкилот даркор мешавад.*

*Ба кормандони политсия пора надиҳед! Додани пора ҷиноят аст! Дар бораи тамаъҷӯии пул аз шумо бо телефони 112 хабар диҳед.*

*Протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷират танҳо аз тарафи кормандони Раёсати масъалаҳои муҳоҷират тартиб дода мешавад. Тартиб додани протокол маънои онро надорад, ки Шумо дарров ҷарима супоред – парвандаи Шумо бояд дар ҳузури худатон дар суд ё районном отделении УВМ МВД муҳокима карда шавад. Баъди муҳокима бояд ба Шумо қарор диҳанд, ки Шумо ё онро иҷро мекунед, ё аз болояш дар муҳлати 10 рӯз шикоят мекунед.*

*Қонун ин корҳоро ба корманди политсия манъ кардааст:*

*- гирифтани ҳуҷҷатҳои шумо ҳамчун замонат барои пардохти ҷарима ва дигар маблағ (ст. 19.17. КоАП РФ);*

*- талаби дар ҷояш супурдани ҷарима;*

*- талаб кардани супурдани ҷарима бе қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.*

*Дар ҳолати поймол шудани ҳуқуқҳои шумо ҳангоми боздошт шумо метавонед ба Общественную наблюдательную комиссию (ОНК) муроҷиат кунед. Аъзои ОНК ҳуқуқ доранд, ки шароити нигаҳдории шаҳрвандони хориҷиро тафтиш кунанд, инчунин метавонанд ба шумо ёрии бепули ҳуқуқӣ расонанд.*

*Агар шумо шоҳиди аз ҳадди ваолатии хизматии худ гузаштани кормандони политсия, рад шудани қабули аризаатон, беамалии онҳо, тамаъҷӯии пора ва дигар амалҳои коррупсионии онҳо шудед, метавонед аз болои амалҳои ғайриқонунии кормандони политсия шикоят кунед.*

*Барои ин ба Управление собственной безопасности МВД России ё идораи он дар минтақаи шумо, ба прокуратура, ба Уполномоченному по правам человека дар минтақаи шумо шикоятнома нависед, ё дар бораи ҳуқуқвайронкунӣ бо телефонҳои 102 ва 112 занг занед.*

***Робитаҳои муфид:***

Робита бо политсия – 02, 102 ё 112.

Сайт – www.мвд.рф

https://mvd.ru/contacts/sites – робита бо хатҳои доғи қисмҳои политсия дар минтақаҳои Россия.

https://мвд.рф/request_main - муроҷиатҳои электронӣ ба политсия.

«Хати доғ»-и МВД РФ: 8 (800) 222-74-47

Саридораи амнияти дохилии (Главное управление собственной безопасности МВД РФ): 8 (495) 667-07-30

Мигрантки советуют мигранткам
Полезные советы о жизни в России
Выпуск 2
(на таджикском языке)

Текст: материалы БФ «ПСП-фонд» -
- авторы-составители Ефимова О.Б., Якимов А.Н.,
редактор – Панич Б.Л.

Тираж: 500 экз.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Развитие межрегионального сотрудничества НКО, работающих в сфере оказания помощи детям мигрантов в Северо-Западном и Приволжском федеральных округах»

